**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмии якум ба диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих). Душанбе, 2025**

Дар заминаи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо икдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, яке аз ҳадафҳои стратегии давлат таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин соҳа муқаррар шудааст. Дар робита ба ин, диссертатсияи Алимардонзода Зулайхои Файзалӣ ба таҳлили масъалаи муҳимми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, яъне ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар миқёси минтақавӣ бахшида шуда, дорои аҳаммияти илмию назариявии баланд мебошад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» ба ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мутобиқати пурра дорад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Омӯзиши ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар шароити таҳаввулоти иқтисодӣ ва ҳамгироии кишварҳои соҳибистиқлоли минтақа аҳаммияти илмӣ-амалиро касб кардааст. Зеро энергетика як қисми муҳимми иқтисоди миллии кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаи энергетика яке аз

фаъолиятҳои хоҷагидорӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ мебошад, ки захираҳои он, истеҳсол, интиқол, нигоҳдорӣ ва тақсимоти намудҳои гуногуни энергияро дар бар мегирад.

Аҳамияти илмӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот. Барои таҳия ва пешниҳоди хулосаҳои илмии таҳкимёфта ва тавсияҳои амалӣ, ки ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои энергетикӣ равона гардидаанд, таҳқиқотҳои амиқ ва таҳлилҳои систематикӣ асоси мустаҳкам қарор дода шудаанд. Натиҷаҳои ин таҳқиқот дар сатҳи назариявӣ ҳамчун пойгоҳи назариявӣ барои тадқиқоти минбаъда хизмат намуда, аз лиҳози амалӣ, барои таҳияи стратегияи энергетикии минтақа ва тақвияти ҳамгироии иқтисодиву сиёсӣ нақши калидӣ мебозанд. Илова бар ин, ин тадқиқот имконият медиҳад, ки нуқтаҳои заъфи ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика муайян ва бо роҳҳои муассири илмию техникӣ бартараф гарданд, ки ин ба таъмини амнияти энергетикии кишварҳои минтақа ва рушди устувори иқтисоди онҳо мусоидат хоҳад кард. Дар маҷмӯъ, таҳқиқот барои таҳкими ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи минтақавӣ ва байналмилалӣ, инчунин барои таҳкими муносибатҳои ҳамкорӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун модели устувори рушди минтақаӣ аҳамияти ҷиддӣ дорад. Дараҷаи навгонии натҷаҳои диссертатсия. Диссертатсияи мазкур нахустин кори илмие мебошад, ки дар он бунёди комплекси гидроэнергетикӣ ва захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии Осиёи Марказӣ, таҷрибаи таърихии ҳамкориҳои энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ таҳлил гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо дақиқии баланди маълумот, кифоягии сарчашмаҳои таърихӣ ва маводи таҳқиқотӣ, ҳамчунин коркарди систематикии натиҷаҳои бадастомада, ҳаҷми муносиб ва сифати интишорот, таҳлил ва баррасии мунсифона, инчунин муқоисаи илмию амалии ҷанбаҳои мухталифи мавзӯи таҳқиқшуда муайян ва тасдиқ гардидаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳо бар асоси таҳлили мукаммали илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ таҳия шуда, дорои

аҳаммияти таълимӣ, тадқиқотӣ ва амалии баланди назаррас мебошанд. Илова бар ин, натиҷаҳои кор имконият медиҳанд, ки дар рушди минбаъдаи ҳамкориҳои энергетикӣ ва мустаҳкамгардонии муносибатҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ истифода шаванд ва ҳамчун пойгоҳ барои таҳқиқоти минбаъда хизмат намоянд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқотро ҳангоми таҳияи асарҳои махсуси бунёдӣ оид ба таърихи энергетикаи Осиёи Марказӣ, таърихи муносиботи байналмилалӣ дар минтақа метавон истифода намуд. Тавсияҳои илмии дар диссертасия зикрёфтаро метавон барои хондани курсҳои махсус, лексияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ истифода намуд. Илова бар ин, таҷрибаи таърихии бунёди комплекси низоми ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ дар даврони шуравиро метавон дар шароити муосир, ҳангоми роҳандозии сиёсати иҷтимоии кишвар истифода кард.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамӣ ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқ баён гардида, дараҷаи омӯзиши масъала тавзеҳ, аҳаммияти назариявӣ, навгониҳои таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, аҳаммияти амалии таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми он мушаххас баён карда шудааст.

Боби якум - «Бунёди комплекси гидроэнергетикии Тоҷикистон, вижагиҳо ва аҳаммияти он дар низоми энергетикии Осиёи Марказӣ» ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум - «Захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ» масъалаи захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қиёс ва ҳамоҳангӣ бо дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ иҷмолан таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст.

Диссертант қайд менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои обӣ ва гидроэнергетикӣ дар байни кишварҳои Осиёи

Марказӣ пешсаф аст. Захираи гидроэнергетикии он назар ба Қирғизистон 2 баробар, Ӯзбекистон 4 баробар, Туркманистон ва Қазоқистони Ҷанубӣ 15 баробар зиёд аст. Захираҳои гидроэнергетикӣ манбаи ғайриалтернативии энергия барои Тоҷикистон маҳсуб ёфта, барои тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ низ метавонанд аҳаммияти бузург дошта бошанд.

Ҳамин тавр, баъд аз таҳлилу баррасии захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қиёс ва ҳамоҳангӣ бо дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба чунин хулосаҳо расидан мумкин аст, ки дар муқоиса бо сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги оби дарёҳо буда, мутаносибан иқтидори хеле бузурги гидроэнергетикӣ дорад.

Зербоби дуюми боби аввал, ки «Аҳаммияти бунёди комплекси гидроэнергетикӣ дар тараққиёти хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ» ном дорад, ба масъалаи бунёди комплекси гидроэнергетикӣ дар Тоҷикистон ва аҳаммияти он дар рушди хоҷагии халқи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудааст.

Муаллиф аз натиҷаи баррасӣ ва омори мавҷуда ба чунин хулоса омадааст, ки беш аз 96% неруи барқи дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда ба неругоҳҳои обӣ рост меояд. Неругоҳҳои барқи обӣ, ки дар ҷумҳурӣ сохта шудаанд дар баробари истеҳсоли нерӯи барқ, барои обёрикунии заминҳо ва захираи оби ошомиданӣ, ки дар саросари ҷаҳон сол то сол мушкилотро ба вуҷуд оварда истодааст, инчунин, дар рушду пешрафти соҳаи сайёҳӣ низ истифода мешаванд.

Пас аз расидан ба истиқлоли давлатӣ сиёсати энергетикӣ дар сатҳи Ҳукумати Тоҷикистон низ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб мерафт ва мувофиқан ба даст овардани истиқлолияти комили энергетикӣ яке аз ҳадафҳои стратегии он гардид.

Дар зербоби сеюми боби аввал - «Консепсияи нави рушди комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити соҳибистиқлолӣ» диссертант қайд менамояд, ки дар партави сиёсати

хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон новобаста аз мушкилоти солҳои аввали даврони истиқлол фаъолияти соҳаи энергетикаи кишвар беҳтар гардида, комплекси сӯзишворию энергетикии ҷумҳурӣ рушд ёфт.

Муаллиф менависад, ки таҳияи консепсияи нави энергетикии кишвар дар давраи пасошуравӣ ба зарурати бархурди ҳамаҷониба, аз ҷумла, на танҳо сохтмони иншооти нави гидроэнергетикӣ, балки таҷдиди инфрасохтори мавҷуда дар кишвар, беҳбудӣ ва идораи захираҳои об, таҳияи заминаи қонунгузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ асос ёфтааст. Консепсияи мазкур талаботи дохилии ҷумҳурӣ ва мавқеи стратегии онро дар Осиёи Марказӣ, ки Тоҷикистон метавонад ҳамчун кишвари калидии энергетикӣ баромад кунад ва ба кишварҳои ҳамсоя нерӯи барқ содир кунад, ба назар гирифтааст.

Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ инвентаризатсияи ҳамаҷонибаи захираҳои сӯзишворию энергетикӣ гузаронида шуд, ки ин имкон дод харитаи пурраи мавҷудият ва тақсимоти онҳо тартиб дода шавад.

Боби дуюм – «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар рушди соҳаи гидроэнергетика» низ аз се зербоб иборат буда, дар зербоби якум - «Захираҳои обии Осиёи Марказӣ ва масоили иқтисодии истифодаи онҳо барои истеҳсоли неруи барқ», масоили захираҳои обии Осиёи Марказӣ ва мушкилоти иқтисодии истифодаи онҳо таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Ба андешаи диссертант Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳое мебошад, ки дорои захираҳои бузурги энергетики аст. Дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ Тоҷикистон ва Қирғизистон ба кишварҳои поёноби Амударё ҳам об ва ҳам барқ медоданд. Дар баробари ин дар давраҳои камобӣ Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон ба ҷумҳуриҳои болооб газ, нефт ва барқ, ки дар истгоҳҳои электрикии аловӣ истеҳсол мекарданд, интиқол медоданд. Ин низом - Низоми ягонаи энергетикии Осиёи

Марказӣ буд, ки тамоми минтақаро бо қувваи барқ таъмин мекард ва маркази он дар шаҳри Тошканд ҷойгир шуда буд.

Пас аз соли 1991 мушкилоти истифодаи захираҳои обу энергетикӣ боз ҳам тезу тунд ва хусусияти байнидавлатӣ пайдо кард. Барои ҳалли онҳо ҳануз соли 1991 Комиссияи махсуси байнидавлатии ҳамоҳангсозӣ оид ба об, инчунин, дар ибтидои солҳои 90-ум миёни давлатҳои минтақа чандин Созишномаҳои сиёсӣ оид ба истифодаи муштарак ва идоракунии захираҳои обу энергетикӣ ба имзо расиданд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм «Ҳамкориҳо дар сармоягузорӣ, лоиҳакашӣ ва истифодаи неруи зеҳнӣ - техникӣ дар соҳаи гидроэнергетика» масоили ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар самти сармоягузорӣ ва истифодаи неруи зеҳнӣ дар соҳаи гидроэнергетика таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Зимни баррасии ин масоил бояд қайд кард, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муассир дар ин давра навсозии соҳаи гидротехникӣ бо ҷалби сармоягузории хориҷӣ мебошад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо ҷалби хароҷоти дохилӣ ва сармоягузорони хориҷӣ чандин неругоҳи хурду бузурги обӣ сохта шуданд. Инчунин, амалишавии лоиҳаи «CASA - 1000» ва дигар лоиҳаҳо дар ин самт идома дорад, ки ҳамаи ин комёбиву муваффақият дар роҳи расидан ба истиқлолияти комили энергеткии кишвар мебошад.

Дар зербоби сеюм, ки «Аҳаммияти минтақавии НБО-и Роғун дар таъмини обу барқи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ» ном дорад, масъалаи бунёди неругоҳи мазкур ва аҳаммияти минтақавии он баррасӣ гардидааст.

Диссертант қайд менамояд, ки неругоҳи барқи обии Роғун яке аз лоиҳаҳои бузурги асри XXI на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар тамоми ҷаҳон буда, аз рӯи тавсифи муҳандисӣ-техникӣ ва зарфияти хеш ҳамто надорад. НБО-и Роғун барои қонеъ гардонидани дурнамои низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна ва бо дарназардошти неруи барқи истеҳсолшаванда ва ба нақша гирифташуда, пурра истифода

мешавад. НБО-и Роғун дар навбати худ, қодир аст, ки ба рушди ҷаҳишнок ва босуръати дигар соҳаҳои энергияталаб такони ҷиддӣ бахшад. НБО-и Роғун сарчашмаи энергияи арзон ва аз лиҳози экологӣ тоза буда, талаботи Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистонро қонеъ гардонида метавонад. Ин ҳолат варианти нафъоваре барои кулли ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мебошад, ки ба таври ҷиддӣ ба неруи барқ эҳтиёҷ доранд.

Дар хулосаи диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои вай оид ба мавзуъ оварда шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст. Ҳамаи натиҷаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда шахсан аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия пешкаш гардидаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ асоснок шуда, бо принсипҳои таҳқиқотии илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ мувофиқ мебошанд. Онҳо дар муқоиса бо нуқтаҳо ва хулосаҳое, ки дар соҳаи таърихнигорӣ истифода мешаванд, хислати навгонӣ доранд.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқро метавонанд, ки олимони соҳаи таърих, сиёсатшиносӣ, муносибатҳои байналхалқӣ ҳангоми фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва амалӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳанд.

Маводи диссертатсияро метавон, дар рафти навиштани асарҳои илмӣ оид ба таърихи муносибатҳои байналхалқӣ, инчунин дар рафти тартиб додани маводи таълимӣ истифода кард.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшаванда. Унвонҷӯ, оид ба диссертатсия худ 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА. Диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» ба ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ аз руйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастоварда ба талаботи Низомномаи КОА оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи баъзе нуқсону норасоӣ ба назар мерасанд:

1. Маҳдуд будани усулҳои муқоисавӣ дар таҳқиқот. Гарчанде ки мавзуи диссертатсия ба ҳамкориҳои байналмилалӣ бахшида шудааст, истифодаи васеи усули муқоисаи байнидавлатӣ дар таҳқиқот маҳдуд ба назар мерасад. Диссертант метавонист барои амиқтар нишон додани сатҳи ҳамкориҳои энергетикӣ дар минтақа таҷрибаи кишварҳои дигари пасошӯравӣ ё шабеҳи минтақаҳои геополитикиро ба муқоиса бигирад. Чунин муқоисаҳо метавонистанд ба фаҳмиши амиқтари хусусиятҳои хоси равандҳои минтақавии ҳамкориҳо мусоидат кунанд.

2. Маҳдудият дар баррасии адабиёти илмии хориҷӣ. Дар бахши таҳлили сатҳи омӯзиши масъала, диссертант асосан ба осори олимони кишварҳои пасошӯравӣ такя намуда, аз таҳлили асарҳои муҳаққиқони кишварҳои Ғарб, ки масъалаи ҳамкориҳои энергетикӣ ва сиёсати минтақавиро дар чаҳорчӯби таҳқиқоти васеи байналмилалӣ пайгирӣ мекунанд, худдорӣ намудааст. Бо назардошти хусусияти фаромиллӣ ва геополитикии мавзӯъ, ҷалби андеша ва назари таҳлилгарони хориҷӣ метавонист таҳқиқотро мукаммалтар гардонад ва ба тавсеаи нуктаи назари муаллиф мусоидат намояд.Дар параграфи якуми боби якуми диссертатсия муаллиф таърихи энергетикаи замони

Шуравии Тоҷикистон ва минтақаро муфассал овардааст, ки ба андешаи мо хуб мешуд тибқи чорчӯбаи хронологии мавзуи таҳқиқ амал намуда, онро мухтасартар меовард.

3. Таърифи консептуалии як қатор мафҳумҳо пурра нест. Дар қисми методологӣ ва назариявии диссертатсия таърифи бархе мафҳумҳои калидӣ аз қабили «амнияти энергетикӣ», «дипломатияи энергетикӣ», ё «ҳамгироии минтақавӣ» бо равшании кофӣ шарҳ дода нашудааст. Ворид намудани таърифҳои мукаммал ва ба таври илмӣ асоснокшудаи ин мафҳумҳо метавонист заминаи назариявии таҳқиқотро мустаҳкамтар намояд.

4. Мавқеи манфиатҳо ва ихтилофоти байни кишварҳои Осиёи Марказӣ камтар нишон дода шудааст. Гарчанде ки мавзуъ ба ҳамкориҳо бахшида шудааст, таҳқиқот бояд ҳамзамон вазъи мавҷудияти ихтилофи манфиатҳо ва рақобатҳои пинҳону ошкоро байни кишварҳои Осиёи Марказиро дар соҳаи энергетика равшантар инъикос мекард. Ин паҳлу барои фаҳмиши амиқи монеаҳо ва дурнамои ҳамкориҳо аҳамияти хоса дорад.

5. Номувофиқии муфассалгӯӣ бо чорчӯбаи хронологӣ ва мавзӯии таҳқиқот. Дар параграфи аввали боби якуми (сах 27-31) диссертатсия, муаллиф ба таври муфассал ба шарҳи таърихи ташаккул ва рушди соҳаи энергетика дар давраи Шуравӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ҳарчанд овардани маълумоти таърихӣ метавонад дар фаҳми заминаи умумии мавзуъ нақши мусбат бозад, чунин муфассалгӯӣ дар доираи чорчӯбаи хронологии мавзуъ - яъне солҳои 1991–2021 - номувофиқ ба назар мерасад. Ба андешаи мо, мутобиқ ба талаботи методологии таҳқиқоти илмӣ, зарур буд, ки муаллиф ин бахшро бо ихтисор ва танҳо бо ишора ба омилҳои калидие, ки дар давраи пасошӯравӣ ба сиёсат ва ҳамкориҳои энергетикӣ таъсири мустақим доштаанд, пешниҳод менамуд. Ин гуна таҳлили таърихӣ барвақт метавонад диққати хонандаро аз муҳтавои асосӣ яъне таҳаввулоти давраи истиқлолият каме дур намуда, манзараи

умумии таҳқиқро дар мавриди равандҳои муосири минтақавӣ камранг созад.

6. Дар матни диссертатсия хатоҳои ҷузъии имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Аммо ин қабил эро́дҳо қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд. Зеро дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуқтаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки дар асоси таҳлилу омӯзиши манбаҳои нодир ба мавзуи мазкур равшанӣ меандозанд. Мундариҷаи автореферат бо матни диссертатсия мутобиқат менамояд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» кори ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба талаботи бандҳои 31-35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ - сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ,**
доктори илмҳои таърих, сардори шуъбаи илм, инноватсия, муносибатҳои байналмилалӣ ва табъу нашри филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, Комилова Х.Ғ.

**«Тасдиқ мекунам»:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Пирназарзода С.

29.08.2025

**Суроға:** Душанбе 734003, кӯчаи Бохтар, 35/1,
Email: info@msu.tj Телефон: 372 21 9941